ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Қарни XVIII-ум аз назари воқеаҳои сиёсӣ, таърих ва таҳаввулоти адабӣ як давраи хос дар таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, бо вуҷуди мавриди омӯзиши донишмандони таърихшинос ва адабиётшиносону забоншиносон қарор гирифтанаш, ҳанӯз саҳафоти норавшан ва ноомӯхтаи хешро дорад. Аслан, адабиёти асри XVIII идомаи мантиқии анъанаҳои суханварӣ ва сухanпардозии асрҳои пешин ба ҳисоб рафта, дар осори намояндагони он ҷинсу жанрҳои адабӣ, анъана ва суннатҳои дерина густариш ёфтаанд.

Шӯхии Хуҷандӣ аз зумраи шоирони соҳибқаламу боистеъдоди ин сада аст, ки зиндагиву фаъолияташ чандон мукаммал омӯхта нашудааст. Омӯзиши осори Шӯхӣ аз назари мавзӯъву мундариҷа, сабку услуб ва падидаҳои ҳунарӣ, дар қатори дигар намояндагони аҳли адаби давр, имкон фароҳам меоварад, ки равандҳои адабӣ, тамоюлҳо, падидаҳо ва дастовардҳои адибони Мовароуннаҳр то андозае равшан гардад. Ба василаи таҳлилу баррасии осори Шӯхии Хуҷандӣ метавон ба натиҷаҳои тозаи илмӣ оид ба адабиёти садаи мазбур расид. Бинобар ин, диссертант Б.Ҳайдарова дар назди худ мақсад гузоштааст, ки тадовуми анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикиро дар осори ин суханвари хушсалиқа мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор диҳад. Барои расидан ба ҳадафҳои аслӣ диссертант дар чаҳор бобу дувоздаҳ фасл матолиби хешро тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддима масъалаҳои аҳамияти таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ

асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқот баён ва дарачаи таҳқиқи мавзӯъ муайян ва навигариҳои рисола иброз гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Мероси адабии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII» ном дорад ва фарогири чаҳор фасл аст.

Дар фасли аввали боби аввал, ки «Таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII» ном дорад, илова ба маълумоти мавҷуда ба таври мухтасару мушаххас дар бораи замони зиндагии Шӯхии Хуҷандӣ сухан рафтааст. Дар фишурда омадааст, ки "асри XVIII-и адабиёти тоҷик чи аз назари воқеаҳои сиёсиву таърихӣ ва чи аз лиҳози падидаҳои адабӣ як давраи хос маҳсуб мешавад... Сарчашмаи илмии омӯзиши ин асрро нахуст осори таърихиву адабӣ чун тазкираву осори илмӣ ва мероси адабии суханварон, сониян, тадқиқоти минбаъдаи муҳаққиқони маъруфи олам ифода менамояд". Фасли дуюми боби аввали рисола "Нигоҳе ба таърихи таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" унвон дошта, дар он оид ба омӯзишу таҳқиқи рӯзгору осори шоир дар адабиётшиносии тоҷик сухан рафта, баҳсу андешаҳои мавҷуда бар асоси санадҳо ва далелҳои илмӣ мунсифона ҷамъбаст карда шудааст. Фасли сеюми боби якуми рисола "Таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" номида шуда, ба таҳлили анвои асосии девони шоир бахшида шудааст. Диссертант таъкид менамояд, ки "мисли ҳамаи девонҳои шоирони ин давра девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳам аз қисмати ғазалиёт оғоз мегардад, ки аз муҳимтарин навъи адабии ин давраи таърихи адабиёт ба ҳисоб меравад. Ғазалиёти шоир дар ду нусхаи мавриди баррасии мо ба тартиби алифбоии қофияҳо дар тамоми ҳарфҳои арабии забони тоҷикӣ мавҷуд мебошанд". Дар фасли ниҳоии боби якум тавсифи "Нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии

Хуҷандӣ” дода шудаанд. Бино ба иттилои диссертант дар бораи мавҷудияти нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нахустин маълумотро аз «Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба даст овардан мумкин аст ва ин маълумот агарчи кӯтоҳу мухтасар аст, вале дар тавсифи аввалияи ду нусхаи девони шоир хеле пураҳамият ва нуқтаи оғози ҳамаи таҳқиқотҳои баъдӣ дар бораи шоир ва мероси адабии ӯ гардидааст.

Боби дувуми диссертатсия “Муҳтаво ва таркибиосори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” унвон дошта, фасли нахустини он “Тараннуми ишқ дар ашъори шоир” унвон ёфтааст. Диссертант қайд намудааст, ки девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ асосан аз ғазал иборат буда, шоир анъанаи дерини ғазалсароиро идома бахшидааст. Аслан, ғазал аз шаклҳои латиф ва нафиси назми тоҷику форс маҳсуб шуда, беҳтарин воситаи ифодаи эҳсосу андешаҳои рангин ва дилнишини шоир мебошад, таъкид менамояд диссертант. Фасли дувуми боби дувуми диссертатсия мусаммо ба “Ирфон дар ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” аст. Зимни маълумоти диссертант Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун суханвари даврони хеш наметавонист аз суннат ва анъанҳои суханварии пешин фаро равад, зеро баъзе аз мавзӯот ё сабку услуби нигориш аз қадимулайём дар сиришти адабиёти мо ончунон ҷой гирифтааст, ки ҳар як суханвари тоҷик гузашта аз риояву тавсиаи он худро муваззаф медонист, ки дар ин ҷода қаламфарсоӣ намояд ва ҳунари хешро ба намоиш гузорад. Дар идома диссертант натиҷагирӣ менамояд, ки “мавзӯи ирфон дар ашъори Мирзо ШӯхииХуҷандӣ мақоми хоса дошта, онҳо дар баробари ифода намудани олами ботинии шоир як ҷанбаи муҳими эҷодиёташро ташкил менамояд. Аз ин рӯ, дар осори Шӯхӣ дар баробари мазомини ирфонӣ, падида ва суннатҳои осории орифонаро метавон мушоҳида намуд”.

Фасли сеюми боби дувуми рисола “Назари иҷтимоии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” унвон дошта, дар бораи дидгоҳҳои иҷтимоии шоир маълумот медиҳад. Диссертант аз таҳлилу баррасии муҳтавои ашъори

суханвар ба чунин натиҷа мерасад, ки “ошноӣ бо ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ғазал дар ашъори ӯ як андоза аз доираи лирикаи комилан ишқӣ берун баромада, як андоза мазмуну муҳтавои иҷтимоиро касб кардааст. Агар дар ғазалҳои анъанавӣ қаҳрамонони лирикӣ бештар аз ишқ, фироқ ва висол изҳори дил кунанд, дар ғазалҳои Шӯхӣ ва аксари шоирони ин давр қаҳрамонони лирикӣ рӯҳияи иҷтимоӣ пайдо кардаанд”.

Боби сеюми рисола “Сувари хаёл ва услуби бадеии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” унвон дошта, ду фаслро дар бар мегирад. Нахустфасли ин боб “Мухтассоти сабк ва забони ғазалиёти шоир” ном дорад. Дар фишурдаи диссертатсия омадааст, ки Шӯхии Хуҷандӣ аз зумраи суханвароне маҳсуб мешавад, ки ҳарчанд дар муҳити қавии адабӣ обутоб наёфтааст, вале дар эҷоди шеър сабку услуби хосаи худро пайдо кардааст. Суханвар дар ҳамаи навъҳои адабӣ бо камоли завқ ва ҳунарварӣ қалам рондааст. Мусаллам аст, ки яке аз навъҳои маъруфи адабӣ ғазал буда, мавзӯи асосии он ишқ мебошад. Аз ин рӯ, дар қолаби тайи ҳазорсолаҳо коркард-шуда, сухан ё маънии навро ироа кардан кори осон нест, зеро мавҷудияти ҳар як навъи адабӣ дар адабиёт ва нақши бадеӣ-эстетикии он ба вазифаҳои маърифати бадеии он вобаста аст. Аз таҳлилу таҳқиқи ин масъала диссертант натиҷа ҳосил намуда, таъкид месозад, ки Шӯхии Хуҷандӣ бо адабиёт ва раванди густариши он аз наздик огоҳ буда, ҳамчун мунаққид ва муҳаққиқи нозукбин ба ашъораш нигоҳи интиқодӣ дошт. Аз ин рӯ, яке аз махсусияти шеъри Шӯхии Хуҷандӣ ҳунари таркиб ва иборасозии шоир ба ҳисоб рафта, шеъри ӯро аз лиҳози маъниву мазмун ғанӣ сохтааст, қайд менамояд дисертант.

Боби чаҳоруми рисола “Суннатҳои адабӣ дар ғазалиёти шоир” ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин боб “Таъсири анъанаҳои адабии форсии тоҷикӣ ба осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” ном дорад ва ба масъалаҳои муайян сохтани таъсирпазирии шоир аз шоирони пешини адабиёти тоҷик бахшида шудааст. Баҳрабардорӣ ва

таъсирпазирии як шоир аз суханвари дигар дар адабиёт як суннати дерина аст. Аз баррасии ин масъала диссертант хулоса намудааст, ки Шӯхии Хуҷандӣ низ ба сифати шоири асри XVIII дар таълифи шеър ба гузаштагони худ пайравӣ намудааст, ки ба дастаҳои зер қисмат мешаванд: таъсир ва нақши эҷодии суханвароне монанди Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ; таъсиру нуфузи мазмуну мундариҷа ва сабку услуби суханварони сабки ҳиндӣ; сабки ба худ хос ва мустақили шоир, ки аксари ин гуна намунаҳо ҷаззобу дилкаш буда, аз истеъдоди баланди шоирии Шӯхӣ гувоҳӣ медиҳад. Фасли дуюми ин боб "Навъҳои адабӣ" ном дошта, дар бораи навъҳои адабии мавҷуд дар девони шоир ва хусусиятҳои ин навъҳо маълумот медиҳад. Бино ба таҳқиқи диссертант Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ асосан шоири ғазалсарост, вале дар девони ӯ дигар навъҳои адабӣ низ ба назар мерасанд, ки ҳунари нотакрор ва истеъдоди баланди шоирро нишон медиҳанд. Аз ҷумла, дар ашъори вай намунаҳо аз навъҳои адабии мухаммас, рубоиёт ва маснавӣ ба назар мерасад. Намунаҳое, ки дар нусхаи қаламии девони Шӯхии Хуҷандӣ ба назар мерасанд, аз рангорангии ашъори шоир хабар медиҳанд. Фасли охирини боби чорум ба муайян сохтани масъалаҳои "Авзон ва радифи ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ" бахшида шудааст. Аз таҳқиқоти диссертант бармеояд, ки Шӯхии Хуҷандӣ асосан идомабахши суннати ғазалсароии адибони классикии тоҷик буда, дар осораш муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсонӣ дар робита ба ҳаводису воқеоти замони шоир инъикос ёфтааст. Вай дар офариниши жанри ғазал истеъдоди фавқуллодаи худро намоиш дода, муҳимтарин хусусиятҳои жанри мазкур аз қабили барҷастагии матлаъву мақтаъ, радифу қофия, интихоби калимаҳои хушоҳангу содда, истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ, офариниши мазмуну маъниҳои ғарибу латиф ва монанди инҳорориоя намудааст. Дар назми Шӯхии Хуҷандӣ ғазал ҳамчун ифодагари беҳтарини баёни эҳсосоти баланди шоир хидмат кардааст ва ӯро метавон як шоири нозукбаёни адабиёти садаи XVIII тоҷик номбурд.

Дар хулосаи фишурдаи диссертатсия натичаҳои аслии илмии бадастовардаи диссертант зикр гардиданд, ки ҳосили пажӯҳишҳои анҷомдодаро дар 11 банд шарҳу тафсир мекунанд. Хулосаҳои аз ҳар бобу фаслҳои диссертатсия баровардаи диссентант аз натичагириҳои илмии ӯ дарак медиҳанд, ки ҳамагӣ муназзам, мураттаб ва мушаххас баён шудаанд.

Дар умум, диссертатсияи номзадии Ҳайдарова Бисаноат дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” тадқиқоти арзишманди илмӣ буда, бар асоси истифодаи сарчашмаҳои муҳими адабиву илмӣ, нусхаҳои хаттиву чопии осори шоир, корбурди равишҳои навини илмӣ ба қалам омадааст. Огоҳӣ аз маноеи арзишманди адабиву илмӣ ва мутолеаи фарохи диссертант барояш имконият додааст, ки як тадқиқоти муҳими илмиро дар заминаи таҳқиқи осори Шӯхии Хуҷандӣ ба вуҷуд оварад.

Дар радифи дастовардҳои муҳими илмӣ дар фишурда як қатор камбудиву норасоиҳои низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант буда, ҷиҳати афзудани бештари арзиши илмиву амалии он омил мегардад.

1) Муаррифии нусхаҳои девони Шӯхии Хуҷандӣ боз ҳам такмил мехоҳад;

2) Таҳлили мавзӯиву ҳунарии ғазалиёти суханварро вусъат додан ба манфиати кор хоҳад буд;

3) Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Ин норасоиҳо чашмрас нестанд ва арзиши илмии фишурдаи диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва дар умум рисолаи номзадии Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Номзади илмҳои филология,
Котиби Шурои олимони
МДТ ДИСДДТТ Оқилова Саноат Аҳмадовна

Нишона: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169,
Муассисаи давлатии таълимии
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
E-mail: Sanoat0260@mail.ru Тел.:(+992)8880260
27 августи 2021

Имзои Оқилова С.А. – ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти
ҳуқуқии МДТ Донишкадаи иқтисод ва
савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд,
хиёбони Исмоили Сомонӣ 169,
тел: (8 3422) 6-03-21,
E-mail: info@iet.tj Маҳмудов Ш.У.

Шуъбаи кадрҳо